«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Жило ______________
«11» 04 __________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Дар баробари рушду такомули ҷомеа ва муносибатҳои дипломатӣ байни халқҳои фарҳанг ва урфу одаташон гуногун, забон низ инкишоф ёфта, ба тағйиротҳои куллӣ дучор мешавад. Забоншиносии муқоисавӣ низ яке аз илмҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб меравад ва вобаста ба рушди забон он ҳам ба мушкилиҳо дучор мешавад. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқон ба омӯзиш ва баррасии паҳлуҳои гуногуни грамматикӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи муқоиса машғуланд, ки мавзуи пажуҳишии мазкур аз зумраи онҳост. Пажуҳиши мазкур мубрам ва саривақтӣ буда, муаллиф паҳлуҳои норавшани масъалаи пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар забоншиносии муосир доираи омӯзиши ҳиссаҳои нутқ хеле фарох гардида, паҳлуҳои дигари муқоисаи он, аз он ҷумла, нишон додан ва таҳлили қиёсии вижагиҳои маъноиву грамматикии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин асос, қисмати меҳварии пажуҳиш фарогири мавзуи васеъ буда, аз ҷумла, хусусиятҳои морфологии пешояндҳои ифодакунандаи

замон ва самту ҳаракат дар забонҳои мавриди омӯзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар қиёс омӯхта шудааст.

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)” унвон дошта, аз муқаддима, се боб, шонздаҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуъ, асосҳои назариявӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳ ва навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия меравад.

Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» масъалаҳои мафҳум, мавқеъ, таркиб ва таснифи пешояндҳо дар забонҳои мавриди назар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз чор фасл иборат аст. Фасли якум «Мафҳуми пешоянд дар забоншиносӣ» унвон дошта, муҳаққиқ оид ба алоқаи наҳвии пешояндҳо вобаста ба маънои ибора ва ҷумла сухан гуфтааст. Ба андешаи муаллиф: “...пешояндҳо чун воситаҳои грамматикие, ки алоқаи байни калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаро ифода мекунанд, бар хилофи калимаҳои мустақилмаъно алоқаи синтаксисии дутарафаро ба амал меоваранд, яъне худи пешоянд ҳам ба калимаи асосӣ ва ҳам ба калимаи тобеъшаванда вобастагӣ дорад” (саҳ.13).

Дар фасли мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба вазифа ва пайдоиши пешояндҳо низ дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки "Аз нуқтаи назари пайдоишашон пешояндҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: пешояндҳои аслӣ, ки пайдоиши онҳо ба давраи қадими инкишофи забонамон мансуб аст ва пешояндҳои номӣ, ки дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаи миёнаи тараққиёти забон такомул ёфтаанд" (саҳ.18). Муайян карда шудааст, ки пешояндҳо дар таркиби ибораҳо омада, ба онҳо тобиши иловагии маъноӣ мебахшанд.

Дар фасли дуюми рисола «Мавқеи пешояндҳо дар забони форсии бостон» муаллиф назари хешро роҷеъ ба нақши пешояндҳо баён карда, чунин пиндоштааст, ки "Пешояндҳо дар марҳилаи қадимии забони тоҷикӣ якҷоя бо шаклҳои падежии ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуданд ва дар айни ҳол, моҳияту вазифаи онҳо дар он давра бо мафҳуму моҳияти падежҳо мувофиқат менамуданд" (саҳ.18). Ҳамзамон, дар фасли мазкур сухан дар бораи пешояндҳои аслии сода ва пешояндҳои номии таркибии изофӣ меравад, ки бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия "Таркиби морфологии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" масъалаҳои пешояндҳо ва таркиби сарфии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Фасли чорум таҳти унвони "Таснифи пешояндҳо дар забонҳои муқоисашаванда" ба масъалаи намудҳои пешоянд ва пайдоиши онҳо аз давраи қадими инкишофи забон бахшида шуда, дар он намудҳои пешоянд бо мисолҳои мушаххас аз асари бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оварда шудаанд.

Боби дуюми рисола «Хусусияти типологии пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он масъалаҳои таҳқиқу пажуҳиши пешояндҳои аслии ифодакунандаи замони зуҳуру амалу ҳодиса, пешояндҳои номии изофии таркибии ифодакунандаи муносибатҳои замон ва амсоли инҳо баррасӣ мегардад.

Боби мазкур аз шаш фасл иборат аст, ки дар онҳо масоили гуногуни пешояндҳои ифодакунандаи замон ҳаллу фасл гардидааст.

Ҳар як пешоянд вобаста ба ифодаи замонӣ ва сохтору маъно дар ин боби диссертатсия шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Муаллиф зикр мекунад, ки дар ҳарду забон, "истифодаи пешоянди "баъд аз" бо калимаҷонишинҳое, ки мафҳуми вактро ифода мекунанд, хеле маъмуланд. Дар баъзе ҳолатҳо, истифодаи пешоянди "баъд аз – after" бо ҷонишинҳои ишоратии "ин – this" мушоҳида мешавад, ки ин ба хусусияти монандии пешояндҳои ифодакунандаи замон ишорат мекунад" (саҳ. 61).

Дар интиҳои боби дуюм, муаллиф натиҷагирӣ намуда, қайд мекунад, ки дар байни пешояндҳои таркибии забонҳои муқоисашаванда алоқаи муродифӣ ҷой дорад, ки он аз шабоҳати маъноии луғавии ҷузъҳои номии пешояндҳо вобастаанд. Ҳамзамон, муаллиф бар он ақида аст, ки алоқаи муродифӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: муродифи пурра ва ҷуфт ва шабоҳат байни пешояндҳои муродиф танҳо дар яке аз ҷузъҳои маъноии он дида мешавад.

Боби сеюми рисола ба "Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" бахшида шудааст. Дар боби мазкур муаллиф роҳу тарзи чӣ гуна истифода шудани пешояндҳои аслӣ ва номии ифодакунандаи самту ҳаракат ва хусусияти истифодаи онҳоро бо мисолҳои мушаххас тавсиф мекунад.

Ҳамзамон, дар боби мазкур вижагиҳои фарқкунандаи баъзе аз пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ карда шудааст.

Боби сеюмро натиҷагирӣ намуда, муҳаққиқ қайд мекунад, ки таҳлили қиёсии пешояндҳо дар ҳарду забон дар доираи маъно қобилияти якхела доранд. Инчунин, бояд гуфт, ки забони англисӣ бо бисёрмаъноӣ ва роҳҳои гуногуни ифодаи аломатҳои маъноии худ аз забони тоҷикӣ фарқ мекунад. Дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ,

ифодаи маъно дар пешояндҳо каме маҳдуд аст. Яъне, як пешоянди аз метавонад маъноҳои гуногуни нишондиҳандаи самт ва ҳаракатро дар забони тоҷикӣ нишон диҳад, дар ҳоле, ки дар забони англисӣ пешояндҳои зиёде истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳар як боби рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида то андозае ҳалли худро ёфтаанд.

Дар хулосаи умумӣ бошад, муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ дорад.

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)” тибқи меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, таърихи забони тоҷикӣ, сарфу наҳв, ҳамчунин, дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим аз фанҳои сарфу наҳв ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим дар диссертатсия ва автореферат камбудиву норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор аст:

1. Маълум аст, ки диссертатсияи муаллиф оид ба таҳлили муқоисавии вижагиҳои хоси пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар доираи ду забон таҳқиқот анҷом додааст. Хубтар мешуд,

агар муаллиф дар такя ба осори назариявии мутахассисони соҳа таҳқиқи бобҳои диссертатсиро ба роҳ мемонд;

2. Иқтибосҳои илмӣ дар кор кам ба назар мерасанд;

3. Дар диссертатсияи муаллиф мисолҳои зиёд аз осори бадеӣ оварда шудааст, ки ба назари мо таҳлили онҳо дар диссертатся шарт ва зарур ҳисобида мешавад;

4. Ба андешаи мо танзими феҳристи адабиёт аз доираи талаботи танзими диссертатсияи илмӣ дур рафтааст;

5. Хуб мешуд, пас аз ҳар як бобу зербоб муаллифи диссертатсия бо андешаҳои ҷолиб фикру ақидаҳои худро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои бадастомадаро баррасӣ намояд;

6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ҷойдошта ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳанд расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф ҳоҳанд шуд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос карда метавонад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ)” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферати Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва

назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” -9 нафар, “зид” – нест, “бетараф” –нест.

«07» апрели 2023 с. Суратҷаласаи №9

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи
тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиби ҷаласа:** Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва О.А. Ҳамроевро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
08.04.2023 с.